*Лоиҳа*

Замима ба қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз «___» _______ соли 2021 № ___

Тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №171
«Дар бораи кушодан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани суратҳисобҳои бонкӣ аз тарафи ташкилоти қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Ба Дастурамали №171 «Дар бораи кушодан, аз нав ба расмият даровардан ва бастани суратҳисобҳои бонкӣ аз тарафи ташкилоти қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 2018, №44 тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар банди 1 сархати нав бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**- мушаххаскунии фосилавии шахсияти муштарӣ** – аз муштарӣ (намояндаи муштарӣ) гирифтани маълумоти мушаххаскунанда аз тарафи ташкилоти қарзии молиявӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ».

2. Дар сархати дувоздаҳуми банди 1 ва банди 50 аломат ва калимаи «(зерсуратҳисобҳои)» хориҷ карда шаванд.

3. Банди 19[1] бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«19[1]. Бо истифода аз усулҳои мушаххаскунии фосилавии шахсияти муштарӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ҳуҷҷатҳои дар банди 19 Дастурамали мазкур пешбинишуда метавонанд ба таври электронӣ пешниҳод карда шаванд. Дар ин ҳолат ташкилоти қарзии молиявӣ бояд имконияти ба таври дахлдор санҷидани дурустии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо бо истифода аз таҷҳизоту технологияҳои иттилотию коммуникатсионӣ дошта бошад.».

4. Дар банди 20 калимаи «дархост» ба калимаҳои «дархости хаттӣ» иваз карда шавад.

5. Бандҳои 20[1], 20[2] ва 20[3] бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«20[1]. Шартномаи суратҳисоби бонкие, ки ба таври фосилавӣ кушода мешавад, мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон байни муштарӣ ва ташкилоти қарзии молиявӣ

бо истифода аз воситаҳои мушаххаскунии фосилавии шахсияти муштарӣ – шахси воқеии резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон баста мешавад.

Ташкилоти қарзии молиявӣ шартномаи суратҳисоби бонкии бо муштарӣ ба таври электронӣ басташударо мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд мегирад.

20[2]. Бастани шартнома ба таври электронӣ бо тасдиқи қабули шартҳои хизматрасонӣ, мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми аз ҷониби муштарӣ пешниҳод кардани маълумоти шахсӣ ба роҳ монда мешавад. Маълумот оид ба шартҳои шартномаи суратҳисоби бонкӣ ва андозаи ҳаққи хизмат аз тарафи ташкилоти қарзии молиявӣ дар сомонаи расмии он мувофиқи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ҷойгир карда мешавад.

20[3]. Ташкилоти қарзии молиявӣ дар асоси як шартномаи суратҳисоби бонкие, ки ба таври электронӣ баста шудааст, метавонад ба муштарӣ якчанд суратҳисоби бонкӣ кушояд, агар чунин тартиб дар шартномаи байни ташкилоти қарзии молиявӣ ва муштарӣ басташуда пешбинӣ шуда бошад.».

6. Дар банди 24 калимаҳои «ва ё зерсуратҳисоби филиали он» хориҷ карда шаванд.

7. Банди 24[1] бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«24[1]. Ба филиали навтаъсиси ташкилоти қарзии молиявӣ рамзи мушаххаси бонкӣ ва суратҳисоби муросилотии сарбонки он дода мешавад.».

8. Дар банди 25 аломат ва калимаи «(зерсуратҳисоби)» ва калимаи «тамоми» хориҷ карда шаванд.

9. Дар банди 27 калимаи «зерсуратҳисоби» ба калимаи «суратҳисоби» иваз карда шавад.

10. Дар банди 30:

– дар сархати сеюм калимаҳо ва аломати «дар асоси иттилооти дастрасиаш умум мақому эътибори муштариро баҳо дода,» хориҷ карда шаванд;

– дар сархати чорум пас аз калимаҳои «муқовимат ба» калимаҳои «маблағгузории терроризм ва» хориҷ карда шаванд;

– сархатҳои нав бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«– дар асоси иттилооти дастрасиаш умум нисбат ба муштарие, ки бо он муносибатҳои муросилотии бонкӣ анҷом дода мешавад, дар гузаштаи начандон дур амалҳои назоратӣ ё таҳримҳо дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом татбиқ шудааст ё не, муайян намоянд;

– истифодаи суратҳисобҳои муросилотиеро, ки имкон дорад ҳамчун «ҳисобҳои транзитӣ» барои қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом истифода шаванд, муайян ва назорат намоянд;

– давлати бақайдгирии бонки респондент ва ҷойгиршавии онро дар рӯйхати давлатҳое, ки талаботи тавсияҳои ФАТФ-ро иҷро наменамоянд ё бо таври нокифоя иҷро менамоянд, муайян намуда, чораҳои дахлдор андешанд;

– ҳангоми ба роҳ мондани муносибатҳои муросилотӣ уҳдадориҳои тарафҳоро дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом дақиқ муайян намоянд.».

11. Дар банди 51:

– сархати дуюм хориҷ карда шавад;

– сархати сеюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- ҳангоми барҳамхурии ихтиёрии ташкилоти қарзии молиявӣ, бақияи суратҳисоби муросилотии дар Бонки миллии Тоҷикистон кушодашуда ба суратҳисоби барҳамдиҳӣ гузаронида шуда, суратҳисоби муросилотӣ баста мешавад.».